Протоколи № 11

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-087
назди Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев

аз 14 -уми октябри соли 2026 ш. Хоруғ

Иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

Раиси шуро: Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ барои гузаронидани ҳимояи якдафъаина, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2025, тахти № 50/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доранд.

Оид ба оғози кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намоед. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМА:

Қабул намудани диссертатсияи **Фарҳодова Сарвбону Алидодовна** дар мавзуи **“Лексикаи чорводорӣ дар лаҳҷаҳои бадахшонии забони тоҷикӣ (дар асоси гӯйишҳои водии Ғорон)”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. Забони тоҷикӣ (роҳбари илмӣ: номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи таърихи забон ва забоншиносии қиёсии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ АМИТ ба экспертизаи аввалия ва таъйин намудани комиссияи экспертӣ

БАРОМАД НАМУДАНД:

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., Аламшоев М.М. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Фар□одова Сарвбону Алидодовна ба шурои диссертатсионӣ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои филолог□ Беҳроншо Ҷ.С. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи диссертатсияи Фар□одова Сарвбону Алидодовна ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани

дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2025, тахти № 50/шд тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Фарҳодова Сарвбону Алидодовна дар мавзуи “Лексикаи чорводорӣ дар лаҳҷаҳои бадахшонии забони тоҷикӣ (дар асоси гӯйишҳои водии Ғорон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. Забони тоҷикӣ ба экпертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

– Шокириён Туғрал Сироҷзода – доктори илмҳои филологӣ, узви шуро, раиси комиссияи экспертӣ;

– Дӯстзода Ҳамроҳхон Ҷумъа – доктори илмҳои филологӣ, узви шуро, узви комиссияи экспертӣ.

– Броимшоева Муслима Қимматшоевна – номзади илмҳои филологӣ, узви шуро, узви комиссияи экспертӣ.

Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ М.М. Аламшоев

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Ҷ.С. Беҳроншо